Ба шурои диссертатсионии
6D.KOA-077-и назди Академияи
таҳсилоти Тоҷикистон

ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи Аҳмадзода Салоҳиддин Аҳмад дар мавзуи «Ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика: 5.3.5.1. Назария ва методикаи таълими таърих. – Душанбе, 2026. – 202 с.

Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мазмуну мундариҷаи диссертатсияи Аҳмадзода Салоҳиддин Аҳмад дар мавзуи «Ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 5.3.5.1. Назария ва методикаи таълими таърих мутобиқат дорад.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ анҷом дода шудааст, ба талаботи шиносномаи ихтисоси илмии 5.3.5. Назария ва методикаи таълим ва тарбия (5.3.5.1. Назария ва методикаи таълими таърих), аз он ҷумла ба банди 1. Назария ва методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ (1.1. Методологияи таълими фанҳои ҷомеашиносӣ; зербанди 1.2. Арзиш ва ҳадафҳои таълим); банди 2. Назария ва методикаи тарбияи хонандагон дар раванди таълими фанҳои ҷамъиятӣ (муайян намудани ҳадафҳои тарбияи хонандагон мутобиқи вазъияти иҷтимоию фарҳангӣ ва иқтисодии муосири рушди ҷомеа) мувофиқат мекунад.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ. Мубрам будани мавзуи таҳқиқоти илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар шароити ҷомеаи босуръат рушдёбанда дар низоми маориф ва илмӣ ҷумҳурӣ, ки бо навсозии доимии дониш, истифодаи воситаҳои иттилоотию технология инноватсионӣ, рақамикунонӣ ва методҳои таълим хос аст, баланд бардоштани малакаю маҳорати хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад.

Иттилоотикунонии ҷомеа яке аз мушкилоти калидии ҷаҳони муосир мебошад. Ин ба баландшавии нақши иттилоот ва табдилдиҳии он ба яке аз муҳимтарин қуввахои пешбаранда дар ҳамаи соҳаҳои ҳаети инсонӣ

алоқаманд аст. Барои ҳамин амалисозии воситаҳои технологияи инноватсионии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ – қадами муҳим дар рушди дунёи итгилоотии муосир мебошад ва аз ин ҷиҳат мубрамии мавзуи таҳқиқотӣ дар рисола ба хубӣ дида мешавад.

Баҳри рушди маҳорат, қобилият, малакаҳои маърифатӣ ва ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагони муассисаҳои таълимӣ истифодаи самараноки воситаҳои технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ нақши аввалиндараҷа ва муҳимро мебозад. Ҷомеаи муосир дар марҳилаи рушди иттилоотӣ қарор дорад. Хусусияти асосии ин марҳила истифодаи фаъоли воситаҳои технологияи инноватсионии таълим дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти ҳаётии ҷомеаи муосир, махсусан, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад.

Аз ин лиҳоз дар раванди тавлид ва рушди ҷомеаи итгилоотӣ арзиши калидиро мушкилотҳои алоқаманди ташкили ҷараёни таълим ба даст мегиранд. Инсон имрӯз на танҳо ба малакаҳои амалӣ ва донишҳои назариявии нав, балки ба тавоноии беҳсозии доимии ин дониш ва малакаҳо зарурат дорад. Ба ибораи дигар, инсониятро азхудкунӣ ва бо ҳар роҳ рушд додани фарҳанги омӯзиш дар тамоми давраи ҳаёт зарур аст. Таҳсилро дигар набояд ҳамчун расми хос танҳо барои давраи аввали ҳаёти инсон ҳисоб кард.

Аз ин лиҳоз, унвонҷӯйи дараҷаи илмӣ мавзуи бисёр муҳимеро барои таҳқиқ интихоб кардааст, ки ба коркард ва асосноккунии истифодаи воситаҳои технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ вобаста ба ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфтааст.

Муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳангоми иҷрои вазифаҳои таҳқиқоти илмӣ бамасъалаҳои зерин диққат дода шудааст:

- таҳқиқи хусусиятҳои дидактикии омӯзиши истифодаи воситаҳои технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ ва бартариятҳои рушди қобилиятҳои хонандагон дар раванди омӯзиш;

- таҳлили ҷанбаҳои ҳавасмандкунии омӯзиши воситаҳои технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ аз мавқеи психологияи педагогӣ, ҳамчунин ҳолати омӯзиши истифодаи воситаҳои технологӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

Ҳадаф аз андешаҳои дар боло ироашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи довталаби дарёфти

дараҷаи илмӣ Аҳмадзода Салоҳиддин Аҳмад дар шароити муосир бениҳоят мубраму муҳим ва дорои аҳамияти махсуси назариявию амалӣ буда, он бо дарназардошти талаботи замони муосир тавсияҳои илмӣ-амалӣ пешниҳод шудааст.

Дар баробари ин, довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Аҳмадзода Салоҳиддин Аҳмад дар таҳқиқоти илмии хеш таҳқиқу таҳлили мушкилотҳои муҳимеро вобаста ба мавзуи кори илмии худ ба нақша гирифта, дар ҳаллу фасли онҳо то андозае комёб гаштааст. Бинобар ин, бо боварӣ метавон гуфт, ки таҳқиқоти довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ ниҳоят мубрам ва саривақтӣ мебошад. Зеро аз ҷониби муаллиф бо назардошти вазифаҳои матраҳгардида, маҷмуи методҳои таҳқиқотие ба кор бурда шуданд, ки якдигарро пурра кардаанд.

Унвонҷӯ дар натиҷаи таҳқиқот мушаххас намудааст, ки дар муассисаҳои таълимӣ технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ дар амал мавриди истифода қарор дода нашудааст ва ин боиси рушд наёфтани ҳофизаи таърихии хонандагон мегардад.

Ҳамин тавр, мубрамӣ, аҳаммияти илмию назариявӣ ва амалии масъалаи баррасишаванда, инчунин, мавҷуд набудани таҳқиқот дар самти истифодаи воситаҳои технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ интихоби мавзуи таҳқиқотии довталаби дараҷаи илмиро асоснок менамоянд.

Дараҷаи навгонии илмии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.

Ин ҷо, пеш аз ҳама, вазифаҳо ва фарзияи илмии муаллифро қайд бояд кард, ки дуруст ва фарогири тамоми ҷанбаву паҳлуҳои назариявию амалии мавзуи диссертатсия мебошанд. Аз натиҷаҳои диссертатсия, таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишии анҷомдода, аз рӯйи онҳо хулосаву тавсияҳои методии коркард ва манзурнамудаи муҳаққиқ бармеояд, ки ӯ ба мақсад расидааст ва вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташударо ҳаллу фасл намуда, ниҳоят, фарзияҳои илмии пешниҳодкардааш дар амал тасдиқ шудаанд.

Навгониҳои илмии таҳқиқот баҳсангез набуда, асоси илмиву воқеӣ доранд. Зеро таҳлилу баррасии таҳқиқоти диссертатсионӣ, натиҷаи корҳои озмоишӣ, хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методии манзургардида собит месозанд, ки аз ҷониби муҳаққиқ, дарвоқеъ корҳои зиёде ба сомон расидаанд.

Таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯй дорои навгонии баланди илмӣ мебошад.

Таъкид мегардад, ки истифодаи воситаҳои технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аҳамияти хоса дошта, абзорҳои педагогӣ бояд ба хусусиятҳои салоҳиятҳои асосӣ мувофиқ бошанд. Навгонии илмии таҳқиқот дар муқаррар намудани аҳамияти салоҳиятҳои калидии хонандагон ва зарурати истифодаи васеи воситаҳои технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ ҷиҳати рушди ҳофизаи таърихии хонандагон зуҳур меёбад.

Навгониҳои зерини илмии таҳқиқот аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар панҷ банд пешниҳод шудаанд:

- пояи қобилиятҳои муҳим оид ба иҷрои машғулиятҳои таҳлили таърихӣ ва баёни назариявии раванди шаклгирӣ ва рушди малакаҳои таҳлилӣ зимни омӯзиши таърих дар таълимгоҳҳо ироа ва пешниҳод гардидааст;

- аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ методикаи азхудкунии марҳилавии малакаҳои таҳлили фикрӣ бо роҳи иҷрои пайдарпайи супоришҳо, методикаи баҳодиҳии қобилияти хонандагон ба ин фаъолият ва усулҳои ҳавасмандгардонии он таҳқиқ ва пешниҳод шудаанд;

- унвонҷӯ шакли таълими модулӣ ба ҳайси шакли бартариятдоштаро дар ҷараёни таълим пешниҳод кардааст;

- аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ сатҳи пешрафти салоҳиятҳои таҳлилии хонандагони синфи 10 муайян ва пешниҳод карда шудааст;

- коркарди меъёрҳои иловагии методологияи лозима барои таъмини натиҷаҳои дилхоҳ мушаххас карда шуда, пешниҳод карда шудааст.

Ин навгониҳо дар баробари бархурдорӣ аз тозагӣ, муҳимму мубрам будан, инчунин, ҷусторҳову ковишҳои дақиқи муаллифи диссертатсияро шарҳу тафсир мекунанд.

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда, ки дар таҳқиқот инъикоси худро ёфтаанд, тавассути методологияи муносибати бонизом, назарияи илмии ташхиси педагогии дар асоси методҳои назариявӣ ва эмпирикии таҳқикот, инчунин, бо таҳлили шароитҳо ва натиҷаҳои корҳои тачрибавӣ-озмоишӣ, исботи нуқтаҳои асосии дар фарзияи илмӣ пешниҳодшуда, хулосаи маҷмуи методҳои мутобиқ ба вазифаҳои ҳар як марҳилаи таҳқиқот, таҷрибаи шахсии муаллиф ҳамчун педагог таъмин карда шудаанд.

Аз ин дидгоҳ, довталаб таҳқиқоти шоёну муҳимеро ба сомон расонидааст, ки дархури ниёзҳои муассисаҳои таълимӣ ва ҷомеаи имрӯза мебошад.

Саҳеҳият ва асоснокии илмии хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ тавассути далелҳои методологии амалияи муқаррарот аз он иборат аст, ки хулосаҳои гирифташуда дар рушди илми педагогика, таъминоти таълимӣ-методии усул, дастури таълимӣ-методӣ, барномаи корӣ барои хонандагон ва ғаираҳо коркард шуданд. Ин таъминоти таълимӣ-методиро омӯзгорон метавонанд дар низоми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳангоми баргузории дарсҳои таърих, инчунин, шунавандагони низоми такмили ихтисос истифода баранд.

Таҳқиқоти пешниҳодшуда аз нуктаи назариявӣ ва методологӣ ҷиҳати муққаррарот бо асоснокии худ мувофиқ, бо мавзуъ ва предмети таҳқиқот комилан муносиб мебошад.

Натиҷаҳои илмии бадастомада бо муваффақият дар фаъолияти амалии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҷорӣ карда шудаанд. Ин нишон медиҳад, ки таҳқиқот на танҳо аз ҷиҳати назариявӣ асоснок аст, балки дар амал низ самарабахш мебошад.

Хулосаҳо дорои арзиши назариявӣ мебошанд, инчунин, ба эҳтиёҷоти амалии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҷавобгӯанд ва барои беҳтар ба роҳ мондани сифати таълим мусоидат мекунанд.

Илова бар ин, қайд кардан лозим аст, ки арзиши баланди таҳқиқот ба таври амиқ ва ҳамаҷониба масъалаи муҳимро омӯхта, усулҳои муосири таҳқиқотиро истифода бурда, дар амал натиҷаҳои мусбат нишон додааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Аҳмадзода Салоҳиддин Аҳмад дар мавзуи «Ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ» аз ҷиҳати эътимоднокӣ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ дар сатҳи баланди илмӣ қарор дорад.

Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.

Аҳмадзода Салоҳиддин Аҳмад дар муқаддимаи диссертатсия аҳаммияти мавзуи таҳқиқшавандаро асоснок карда, дараҷаи таҳқиқи онро арзёбӣ намудааст, инчунин, объекту мавзуи таҳқиқот, ҳадафу вазифаҳои он, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назарию амалии онҳоро муайян ва пешниҳод кардааст.

Диссертатсияи Аҳмадзода Салоҳиддин Аҳмад дар мавзуи «Ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон тавассути технологияи рушди тафаккури

таҳлилӣ» аз муқаддима, 3 боб, 9 зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёт иборат аз 180 номгӯй, 3 диаграмма ва 8 ҷадвал дар ҳаҷми 202 саҳифа таҳия гардидааст.

Боби якум таҳти унвони «Асосҳои назариявии ташаккули тафаккури таҳлилӣ» номгузорӣ гардида, аз се зербоб:

- зербоби якум «Ташаккули малакаҳои таҳлили таърихӣ ва методологияи он»;

- зербоби дуюм «Шароитҳои психологию дидактикии ташаккули тафаккури таҳлилӣ»;

- зербоби сеюм «Ташаккули тафаккури таҳлилӣ дар адабиёти методӣ» иборат мебошад.

Боби дуюми диссертатсия «Технологияи ташаккули ҳофизаи таърихӣ дар дарсҳои таърих тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ» ном дорад. Боби мазкур аз се зербоб иборат мебошад ва зербоби якум «Сарчашмаҳои тарҳрезии ҳофизаи таърихии тоҷикон дар мисоли омӯзиши ғояҳои педагогии ниёгон ва мутафаккирони муосир» номгузорӣ гардида, зербоби дуюм ба таҳлили «Амалияи мактабӣ ҳамчун технологияи иҷтимоии ташаккули ҳофизаи таърихӣ дар мисоли таҷлили ҷашнҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва зербоби сеюм ба «Рушди таносуби ҳофизаи таърихии хонаводагӣ ва миллӣ дар шуури хонандагон» бахшида шудааст.

Боби сеюми диссертатсия бошад, амсилаи озмоишии ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилиро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Ин боб низ аз се зербоб иборат мебошад.

Муаллиф дар зербоби якуми боби 3 тавсифи усулҳои методӣ, шакл ва воситаҳои ташаккули тафаккури таҳлилӣ дар раванди омӯзиши фанни таърихро дар фаъолияти таълимии хонандагон таҳлил кардааст.

Зербоби дуюм бошад, масъалаи баргузории таҳқиқоти озмоишӣро мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Дар зербоби сеюми боби се бошад, муаллиф ба таҳлил ва шарҳу тафсири натиҷаҳои таҳқиқоти озмоишӣ пардохтааст.

Хулосаи диссертатсия аз 16 банд иборат мебошад ва тавсияҳои амалӣ оид ба натиҷаҳои таҳқиқот дар сатҳи зарурӣ пешниҳод карда шудааст.

Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия. Дар замони ҳозира, рушди воситаҳои технологияи инноватсионии таълим барои муваффақияти хонандагон дар таҳсил ва ҳаёти оянда ниҳоят муҳим аст. Аз

ин рӯ, ин таҳқиқот метавонад роҳҳои навро барои истифодаи самараноки воситаҳои технологияи инноватсионӣ дар раванди таълим пешниҳод намояд.

Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия дар он аст, ки таҳқиқоти мазкур ба назария ва амалияи педагогика дар шароити ҷаҳонишавии истифодаи технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ саҳми арзишманд мегузорад.

Аз ҷиҳати амалӣ, натиҷаҳои диссертатсия метавонанд барои омӯзгорон ва кормандони соҳаи маориф дар таҳияи воситаҳои таълимӣ ва дастурҳои методӣ самаранок истифода шаванд.

Аз ҷиҳати иҷтимоӣ, таҳқиқот метавонад ба баланд бардоштани сатҳи ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мусоидат намояд.

Хулоса, таҳқиқоти диссертатсионии Аҳмадзода Салоҳиддин Аҳмад ба рушди ҳофизаи таърихии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ мусоидат хоҳад кард.

Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.

Муҳтавои асосии диссертатсия ва натиҷаҳои асосии таҳқиқот мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсиониро ифода карда, дар 13 номгӯйи мақолаҳои илмӣ, аз он ҷумла, 5 номгӯйи онҳо, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 8 мақолаи дигар дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ инъикоси худро ёфтаанд.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи муқарраргардида.

Тартиби таҳияи диссертатсия мутобиқ ба талаботи Дастурамал оид ба барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаҳои илмӣ – доктори фалсафа (PhD), номзади илм ва доктори илм таҳия шудааст.

Матни диссертатсия мутобиқ ба муқаррароти Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, № 493 тасдиқ шудааст равон, дақиқ ва бо забони тоҷикӣ ба таври босаводона таҳия гардида, пайвасти мантиқӣ ва муттасилии маводи илмӣ пурра риоя шудааст.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30

июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, инчунин, ба Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.12.2024, №493 тасдиқ шудааст ҷавобгӯ мебошад.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи мавҷуда ҷавобгӯй ҳастанд.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои техникӣ, имлоӣ, оморӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Ба назар мерасад, ки баъзе ҷанбаҳо дар таҳлили амиқи маълумот каме камбудӣ доранд. Барои такмили сифати илмӣ, таҳқиқи амиқ ва натиҷагирӣ дар самтҳои муайян, ба монанди таҳлилҳои муқоисавӣ ва таҳқиқи амиқи манбаъҳо, зарур аст.

2. На дар ҳама ҳолатҳо муаллифи диссертатсия назар ва ақидаи муҳаққиқонеро, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, аз дидгоҳи худ таҳлилу баррасӣ кардааст, ки ин метавонад барои такмили мазмун ва амиқ кардани таҳқиқот муфид арзёбӣ мешавад, зеро идора кардани баҳсҳо ва пешниҳоди назарҳо метавонад ба эътимоднокии натиҷаҳо ва хулосаҳое, ки ба даст меоянд, кӯмак хоҳанд расонад.

3. Тақсимоти шумораи умумии иштирокчиёни озмоиш дар байни муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумии таҷрибавӣ ва гуруҳҳои назоратию озмоишӣ мушкилфаҳм ба роҳ монда шудааст. Хуб мебуд, агар ин тақсимот дар намуди ҷадвал фаҳмотар оварда мешуд.

4. Дар матни диссертатсия ва автореферати он баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ вуҷуд доранд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор мебошад.

Эродҳо ва камбудиҳои зикргардида, хусусияти тавсиявӣ дошта, дар маҷмуъ аҳаммияти назарию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфӣ намерасонанд.

Хулоса, диссертатсияи Аҳмадзода Салоҳиддин Аҳмад дар мавзуи «Ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.1. Назария ва методикаи таълими таърих пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31,33,34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйроту

иловаҳо Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, таҳти №591) тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда сазовор мебошад.

Муқарризи расмӣ:
номзади илмҳои педагогӣ,
омӯзгори кафедраи педагогика
ва психологияи Донишкадаи
тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон
ба номи С. Раҳимов Разоқов Хуршед
Соҳибназарович

Имзои Разоқов Х.С.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва ҳуқуқи Донишкадаи тарбияи
ҷисмонии Тоҷикистон ба номи
Саидмуъмин Раҳимов Қурбонзода Т.

Ҷ.М.

Суроғаи ҳуқуқии муассиса:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, маҳаллаи Лучоб, 53,
тел.: +992 (37) 221-66-77, +992 (37) 234-55-77
E-mail: info@dtj.tj

« 29 » сентябри соли 2026.